# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Султанзода Заррина дар мавзуи «Хусусиятҳои сохторӣ-семантикӣ ва тарҷумавии воҳидҳои фразеологӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ»», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Дар забоншиносии тоҷик тайи солҳои охир омӯзиш ва баррасии масъалаҳои мубрами шохаҳои гуногуни он вусъати тоза пайдо намудааст, ки аз ин фарзия илми фразеология низ дар канор нест. Дар ин замина масъалаҳои мубрами шохаи фразеологияи забон аз таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳа дур намондааст ва дар ин самт аллакай таҳқиқоти судманди илмӣ рӯйи кор омадаанд.

Тайи солҳои охир дар баробари ҳаллу фасли як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалии марбут ба воҳидҳои фразеологӣ, ҳамчунин, мушкилоти ҳалношудае боқӣ мондаанд, ки пажуҳиши ҷиддиро талаб мекунанд. Омӯзиш ва ба низом даровардани масъалаҳои сохтор, маъно, категория, гурӯҳҳои маъноӣ, баромад, қабатҳои истеъмолӣ ва дигар паҳлуҳои воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ба таври зарурӣ анҷом ёфта истодаанд, аммо як зумра масъалаҳои таҳқиқношудае мавҷуданд, ки дар ҳолати кунунии рушди забони адабии муосири тоҷикӣ аҳаммияти бештари назариву амалиро талаб менамояд. Яке аз чунин масъалаҳо нишон додани вижагиҳои сохторӣ-семантикӣ ва тарҷумавии воҳидҳои фразеологӣ дар асоси осори хаттӣ маҳсуб меёбад. Маҳз ҳамин масъала нуктаи меҳварии кори диссертатсионии Султанзода Зарринаро ташкил додааст.

Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи осори илмию бадеӣ ва нашри таълифоти илмӣ доир ба мавзуи диссертатсионӣ иборат буда, 168 саҳифаи чопи компютериро фаро гирифтааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ** аз он иборат аст, ки мавзуи мавриди таҳқиқ дар забоншиносии тоҷик бори нахуст ба риштаи таҳқиқ қарор мегирад. Бинобар ин, омӯзиши он имкон медиҳад, ки таҳқиқи воҳидҳои фразеологӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ва баррасии чигунагии корбурди онҳо дар асар аз масъалаҳои муҳимми забоншиносӣ арзёбӣ гардад, зеро омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ дар ин асар ба тавоноии забони тоҷикӣ дар асрҳои IX-X ва истифодаи таркиботу таъбироти устувории онҳо огоҳӣ доштаанд.

**Мақсади таҳияи рисола** ин нишон додани чигунагии корбурди воҳидҳои фразеологӣ асари мавриди таҳқиқ ва муайян намудани хусусиятҳои сохториву семантикии онҳо ва тавоноии забони тоҷикӣ тавассути ҷанбаҳои омӯзиши луғавию фразеологӣ дар баробари воҳидҳои фразеологии забони арабӣ аз мақсаду ҳадафҳои асосии диссертатсия ба шумор меравад.

Вазифаҳои асосии таҳқиқи кори диссертатсионӣ ба таҳлилу баррасӣ

намудани вазифаҳои зерин нигаронида шудааст, аз ҷумла: омӯзиш ва таҳлили воҳидҳои фразеологӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ», муайян намудани хусусиятҳои сохторӣ ва семантикии воҳидҳои фразеологӣ дар асар, таъйини вижагиҳои истифодаи вожаҳои асил ва иқтибосӣ дар зимни воҳидҳои фразеологӣ, таҳлили корбурди ҷараёнҳои луғавӣ-маъноии забони тоҷикӣ, аз ҷумла сермаъноӣ, синонимия ва антонимия дар сохти воҳидҳои фразеологии «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ», муайян намудани мафҳум ва корбурди вариантнокии воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун падидаи забонӣ дар асар, нишон додани нақши феълҳо, хусусан, феълҳои ёридиҳанда дар ташкили воҳидҳои фразеологӣ, таъйини соматизмҳо дар зимни воҳидҳои фразеологӣ, нишон додани тарҷумапазирӣ ва тарҷуманопазирии воҳидҳои фразеологӣ дар мисоли асар, муайян намудани усулҳои тарҷумаи муваффақонаи воҳиди фразеологӣ, гузаронидани таҳлили омории маводи фразеологӣ, мушаххас намудани воҳидҳои фразеологии вижаи асар ва монанди инҳо ташкил медиҳад.

**Навгонии илмии таҳқиқ**. Диссертатсияи мазкур аввалин пажуҳишест, ки доир ба таҳқиқу баррасии хусусиятҳои сохтории воҳидҳои фразеологӣ дар асар, омӯзиш ва таҳлили воҳидҳои фразеологӣ асар аз нигоҳи мазмуну муҳтаво ва категорияҳои луғавии он, аз қабили синонимия, антонимия, вариантнокӣ ва полесимия, таҳқиқи воҳидҳои фразеологии асар аз нигоҳи сохторӣ, баррасии нақши феълҳо, хусусан, феълҳои ёридиҳанда дар ташкили воҳидҳои фразеологӣ, баёни мушкилоти тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ дар забони тоҷикӣ ва нишон додани муодилёбиву муодилофаринии мутарҷимони асар таҳқиқ шудааст, ки барои муҳаққиқони забоншиносӣ сарчашмаи илмии хубе маҳсуб меёбад.

Дар **муқаддима** мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, заминаҳои назариявию методологии таҳқиқ, мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, мавзуи таҳқиқ, масъалаҳои таҳқиқ, усулҳои таҳқиқ, соҳаи таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ, аҳаммияти назарии таҳқиқ, аҳаммияти амалии таҳқиқ, саҳми шахсии довталаб, нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия ва сохтори диссертатсия маълумот дода шудааст.

**Боби якуми диссертатсия** дар мавзуи «Хусусиятҳои сохторӣ-семантикии ВФ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ном дошта, аз шаш фасл иборат аст.

Муҳаққиқ дар ин боб ба масъалаҳои сохторӣ-семантикии воҳидҳои фразеологӣ дар асоси асари мавриди таҳқиқ қарордошта таваҷҷуҳ зоҳир намуда, бо мисолҳои фаровон аз «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ», ки ҳамчун асари пурқимати таърихӣ ва сарчашмаи бузурги воҳидҳои фразеологии асрҳои IX-X маҳсуб меёбад, истифода намудааст.

Ба қавли диссертант, асари «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» аз

боризтарин асарҳои насрии давраест, ки дар таърихи забони тоҷикӣ ҳамчун ба майдоноии забони адабии тоҷик ва коркарди фонди асосии луғавии он ба шумор меравад.

Асоси боби якумро таснифи лексикии ВФ, сермаъноии ВФ, синонимияи ВФ, вариантҳои ВФ ва антонимияи ВФ ташкил медиҳад. Ҳар як боб фарогирандаи мавзуи фасли рисола буда, бо мисолҳои фаровон шарҳу тавзеҳ дода шудааст.

Боби **дуюми диссертатсия** таҳти унвони «Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феълҳои ёридиҳанда» номгузорӣ шудааст. Дар ин боб диссертант ба он муваффақ гаштааст, ки нақши феълҳо, хусусан, феълҳои ёридиҳанда такя ба ВФ дар асарро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода, корбасти ВФ ба гурӯҳҳои ВФ феълӣ аз ВФ номӣ исбот намудааст. Ҳамчунин, нақши ВФ феълӣ дар таркибҳои фразеологии бо феълҳои ёридиҳанда омада мавқеи асосиро касб менамояд.

Дар асар ВФ даст кушода кардан [2, с. 486], ба чашм ҳамчун мурча намудан [1, с. 79], ба даст омадан [1, с. 697], фол задан [1, с. 611], ришу гиребони касеро гирифтан [1, с. 331], зеру забар гардонидан [2, с. 185], гардан кашидан [2, с.785], ҳадис фош шудан [1, с. 296], оташ мурдан [1, с.156], меҳмонӣ сохтан [1, с. 609], гӯш доштан [1, с. 388], фармон ёфтан [2, с. 205], аз даст рафтан [1, с. 735] ва ғайра истифода шудааст, ки далели гуфтаҳои болост.

Масъалаҳои меҳварии боби дуюмро ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли ёридиҳандаи кардан, ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли намудан, ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли ёридиҳандаи омадан, ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли задан, ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли ёридиҳандаи гирифтан, ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феълҳои ёридиҳандаи гаштан/гардидан, ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли ёридиҳандаи кашидан, ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли ёридиҳандаи шудан, ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли мурдан, ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли сохтан, ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли доштан, ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли ёфтан, ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феъли рафтан ташкил медиҳад.

Хулоса, ҷамъоварӣ ва ба қисмҳо ҷудо намудани кори таҳқиқотии диссертант, аз фаъолияти чандинсолаи муҳаққиқ дарак медиҳад.

**Боби сеюми диссертатсия** дар мавзуи «Хусусиятҳои тарҷумавии ВФ дар асар» ташкил дода, фарогири масъалаҳои «Тарҷумапазирӣ ва тарҷуманопазирии ВФ», роҳҳои тарҷумаи ВФ дар асар, тарҷумаи калкавии ВФ, муодилёбӣ дар тарҷумаи ВФ, тарҷумаи ВФ бо муодили луғавӣ, тарҷумаи воҳиди луғавӣ бо ВФ, муқоисаи ВФ-и матни асар бо ВФ-и

тарҷумашуда бо истифода аз андешаи донишмандони соҳаи тарҷума ва забоншиносӣ дар бораи тарҷумаи ин падидаи забонӣ оварда шудааст.

Муҳаққиқ дар ҳар як фасли боб бо истифода аз мисолҳои фарвони асари таҳқиқшаванда истифода намуда, нуктаи назари худро аз рӯйи таҳқиқоти забоншиносон ва мутарҷимон тасдиқ менамояд ва хулосаҳои шахсӣ низ мебарорад.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқи диссертатсионӣ оварда шудаанд, ки таҳлил ва гурӯҳбандии онҳо ба муҳаққиқ имкон додааст, то ба ҳалли ниҳоии ҳадафи ягонаи худ даст ёбад. Дар маҷмуъ, таҳқиқи диссертатсионии **Султанзода Заррина дар мавзуи «Хусусиятҳои сохторӣ-семантикӣ ва тарҷумавии воҳидҳои фразеологӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ»,** пеш аз ҳама, барои ҳалли масъалаҳои мубрами воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ, махсусан, вижагиҳои сохторӣ-семантикӣ ва тарҷумавии ВФ дар асоси **«Тарҷумаи Тафсири Табарӣ»,** кӯшиши саривақтӣ ва арзишманд маҳсуб меёбад.

Маводи таҳқиқи диссертатсионӣ метавонад барои таҳияи луғатҳои лингвистӣ, махсусан, фарҳангҳои фразеологӣ ва тарҷумавӣ истифода шавад. Ҳамчунин, натиҷаҳои онро метавон зимни таҳияи китобҳои дарсӣ ва васоити таълимию методии фразеологияи забони тоҷикӣ, курсу семинарҳои махсус вобаста ба омӯзиши табиати забонии воҳидҳои фразеологӣ дар факултетҳои филологии донишгоҳу донишкадаҳои олии кишвар истифода намуд.

Диссертант вобаста ба мавзуи диссертатсия 5 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА ФР чопнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамоянд.

Таҳлилу муҳокима ва натиҷагириҳои муаллифи диссертатсия аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат мебошад. Маълум мегардад, ки диссертатсия дар заминаи таҳлили маводи фаровони илмию бадеӣ анҷом ёфта, муаллиф ба мақсади ниҳоии худ комёб гардидааст. Дар баробари муваффақиятҳои бадастомада дар диссертатсия ва автореферати он баъзе камбудиҳо мушоҳида шудаанд, киислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошанд:

1.Ба назари мо, беҳтар мебуд, диссертант қисмати хулосаи диссертатсияро васеътар менамуд. Ҳамзамон, дар қисмати тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ бояд дар асоси мавзуи мавриди таҳқиқ андешаронӣ намуда, натиҷаҳои амалии таҳқиқро ба таври муфассал шарҳ медод;

2. Диссертант адабиёти зиёди илмиро истифода кардааст, вале аз чӣ бошад, аз муҳаққиқони машҳури дохиливу хориҷӣ, ба монанди Пейсиков 1952, с.56 (танҳо 1 маротиба, с.78), В.Виноградов, Ҳ.Ҷ.Дӯстов ягон маротиба иқтибос наовардааст;

3. Дар саҳифаи 3-и автореферати диссертатсия номгӯи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ бо муқаддима якҷоя оварда шудааст, ки нодуруст аст. Хуб мешавад, ки дар саҳифаи алоҳида нишон дода шавад;

4. Дар саҳифаи 9-и диссертатсия (Ушаков 1996) иқтибос аз сарчашмаи наздик ба мавзуи мавриди таҳқиқ истифода шудааст, аммо саҳифаи он маълум нест;

5. Дар саҳифаҳои 6, 9, 11, 14, 15, 25, 36, 72, 78, 114, 137, 144-и диссертатсия ғалатҳои имлоиву китобатӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

Мавриди зикр аст, ки камбудиву нуқсонҳои зикршуда характери ҷузъӣ дошта, ислоҳшавандаанд ва қимати илмии диссертатсия ва фишурдаи онро ба ҳеҷ ваҷҳ намекоҳонанд.

Бо назардошти афзалиятҳои болозикр, диссертатсияи Султанзода Заррина дар мавзуи «Хусусиятҳои сохторӣ-семантикӣ ва тарҷумавии воҳидҳои фразеологӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» кори таҳқиқотии анҷомёфта буда, ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Вобаста ба ин, муаллифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

**Муқаррризи расмӣ:**
н.и.ф., дотсент, директори Филиали
Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос
ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф
дар шаҳри Кӯлоб Шаҳбози Рустамшо

Имзои н.и.ф., дотсент. Шаҳбози Р.-ро
тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва котиботи
ФМДДҶТИБКСМ дар шаҳри Кӯлоб Холов Муҳаммадҷон

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи Ҳамадонӣ-5
Телефон: (83322) 2-59-35
(+992) 988-49-10-10
E-mail: rustamshoh-90@bk.ru
«29» «марта» 2024